# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 25.12.2020 ш. Душанбе

Парвандаи аттестатсионӣ №2

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ №37

Дар бораи сазовор донистани Ашурзода Ҷамшеди Хуршед, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 17 сентябри соли 2020 (Суратмаҷлиси №6) барои ҳимоя қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 03 марти соли 2020, №63).

Унвонҷӯ Ашурзода Ҷамшеди Хуршед соли таваллудаш 16 ноябри 1991, соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» хатм намудааст. Аз соли 2016 то инҷониб унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маҳсуб меёфт. Айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии донишгоҳи номбурда фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Нуриддинов Раймалӣ Шаҳбозович – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич** – доктори илмҳои фалсафа, муовини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Саидзода Шухрат Шукур** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (ш. Душанбе) дар тақризи худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои сиёсӣ Бедилзода Ҳ.К. имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта мебошад ва он аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудааст. Матни диссертатсия бо услуби илмӣ таҳия гардида, аз лиҳози забонӣ бо дарназардошти талаботҳои забони давлатӣ хеле хуб таҳрир гардидааст. Ҳар як зербоби диссертатсия хулосаҳои худро дорад, ки дар онҳо муаллиф инчунин фикру андешаҳои худро нисбат ба моҳияти масъалаи баррасишаванда изҳор намудааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар автореферати диссертатсия баён гардидаанд. Автореферат мундариҷаи асосии диссертатсияро дар бар мегирад. Диссертатсияи Ашурзода Ҷамшеди Хуршед дар мавзӯи «Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 5 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 3 ҷ.ч. нашр гардидаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф таҷассум ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**


1. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгароии динӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – №2/10. – С.286-290. ISSN 2413-5151
2. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2018. –№4. – С.288-293. ISSN 2413-5151
3. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгароии динию сиёсӣ: омилҳои пайдоиш ва роҳу воситаҳои мубориза // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2018. –№5. – С.313-317. ISSN 2413-5151
4. Ашурзода Ҷ.Х. Сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ ва таъсири он ба амнияти миллии кишвар // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2019. –№6. –С.264-271. ISSN 2413-5151
5. Ашурзода Ҷ.Х., Исозода Т.И. Паҳншавии ғояҳои ифротгароии динию сиёсӣ дар миёни ҷавонон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2020. –№1. –С.310-316. ISSN 2413-5151

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Муродов С.** – номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, дар он ба сифати норасоӣ ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки дар оянда ба омӯзиш ва таҳқиқи киберэкстремизм низ машғул шавад.

**Комилбеков А.Ё.** – номзади илмҳои сиёсӣ, муовини ректор оид ба илми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, ба сифати норасоӣ эродҳои зерин нишон дода шудаанд: агар муаллиф робитаи тундгароии динӣ ва бунёдгароии диниро бо ифротгароии динию сиёсӣ ба таври муфассал таҳлил менамуд, сарҳади онҳо возеҳу равшан мешуд; дар таҳқиқот ба омилҳои иҷтимоию фарҳангии паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир нагардидааст.

**Маҳмадизода Н.Д.** – номзади илмҳои фалсафа, декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, дар он ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки дар таҳқиқотиояндаи худ ба масъалаи паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ диққати бештар диҳад.

Интихоби муқарризон ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар самти масоили таҳқиқшуда, аз ҷумла дар масъалаҳои омилҳои исломӣ, ташаккули давлати дунявӣ, иҷтимикунонии сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ, терроризм, идеологияи тундгароӣ, робитаи давлат ва дин мақолаи илмӣ-таҳқиқотӣ чоп намудаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаи мазкур маҳсуб меёбанд. Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ дорои кафедраи сиёсатшиносӣ ва 5 номзади илмҳои сиёсӣ мебошад, ки дар самти таҳқиқи ватандӯстӣ, пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва мубориза бо терроризм махсус медиҳанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ анҷомёфта қайд менамояд, ки дар диссертатсияи мазкур:**

–моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ифротгароии динию сиёсӣ омӯхта шудаанд;

– сабабҳо ва омилҳои пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, роҳу воситаҳои муқовимат бо он нишон дода шудаанд;

– хусусиятҳои муҳимми сиёсишавии дин таҳлил гардида, нишонаҳои он ҳамчун омили бавуҷудоварандаи ифротгароии динию сиёсӣ муайян карда шудааст;

– омилҳои гуногуни паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ дар миёни ҷавонон таҳлил гардидааст;

– пайдоиш ва ташаккулёбии ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

– мушкилот ва дурнамои муқовимат бо ифротгароии динию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти унвонҷӯ бо нуктаҳои зерин асоснок карда шудаанд:**

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурда шаванд; омӯзгорони фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, диншиносӣ, сотсиология метавонанд рисолаи мазкурро ба донишҷӯён ҳамчун адабиёти иловагӣ барои мутолиа намудан тавсия кунанд; маводи диссертатсия метавонад дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ истифода бурда шавад.

Дар раванди омӯзиши мавзӯъ асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ истифода бурда шудаанд. Махсусан, назарияҳои сиёсии олимони шӯравӣ барои нишон додани моҳияти ифротгароии динӣ ва сабабҳои пайдоиши он мусоидат намудаанд. Инчунин дар раванди таҳқиқот назарияҳои сиёсии олимони рус ва муҳаққиқони ватанӣ низ ба таври фаровон истифода бурда шудаанд. Асосҳои назариявии таҳқиқотро низ хулосаҳои назариявии олимони мазкур ташкил медиҳанд.

Дар раванди таҳқиқот усулҳои мушаххаси илмӣ истифода шудаанд. Аз ҷумла, таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, рафторӣ, институтсионалӣ ва навъбандӣ истифода шудаанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ бо он тасдиқ мегардад, ки дар диссертатсия:**

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи ифротгароии динию сиёсӣ заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои гузаронидани мониторинги вазъи ифротгароии динию сиёсии ҷомеа метавонад истифода бурда шавад.

Маводи таҳқиқот барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявии муҳаққиқони ҷавон ва онҳое, ки ба омӯзиши ифротгароии динию сиёсӣ машғул мегарданд, хеле аҳамиятнок мебошад.

Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди ифротгароӣ метавонанд истифода бурда шаванд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешавад. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзӯъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯйи дарёфти дараҷаи илмӣ** дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Дар ҷаласаи 25-уми декабри соли 2020 Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Ашурзода Ҷамшеди Хуршед барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, ки дар ҷаласа иштирок намуданд, чунин овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – 1, бетараф – нест.

Муовини раиси
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих,
профессор /________________/ Латифов Ҷ.Л.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои таърих, дотсент /________________/ Шарипов А.Н.

Имзои подписи Латифов Ҷ. Л., Шарипов А. Н.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.________ (имзо подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН • УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ • TAJIK NATIONAL UNIVERSITY